# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.13 – Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг**

Омӯзиши автореферати диссертатсияи довталаби номзади илмӣ Салимов Э.М. нишон медиҳад, ки дар он мухтавои таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи мубрами эҳё ва такомули фарҳанги тоҷик дар мисоли анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд ба таври мухтасар ва пурмазмун оварда шудааст.

Яке аз вазифаҳои таҳқиқот, ки омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни таҳаввул ва такомули фарҳанги минтақаи Суғд дар алоқамандӣ бо фарҳанги миллӣ мебошад, барои мутахассисони соҳаи антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг ва фарҳангшиносӣ мароқовар ва муфид аст.

Объект ва мавзуи тақиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз ҷониби муаллиф амиқан ва босаводона муайян карда шудаанд.

Чунонки муаллиф дар нуктаҳои таҳқиқии хеш иброз медорад, дар замони муосир аҳаммияти фарҳангҳои минтақавӣ зиёд гардида, дар муҳити ҳамгироии динҳои гуногун, ҷомеаҳои этникӣ дар ҳамҷаворӣ ва наздиҷаворӣи фарҳангӣ қарор доранд. Аксар равандҳое, ки дар фарҳангҳои минтақавӣ зоҳир мегарданд, на танҳо аҳаммияти ҳудудӣ доранд, балки муайян намудани ояндаи муҳити умумии фарҳанги миллиро оғоз менамоянд. Омӯзиши фарҳанги минтақавӣ барои муайян кардани хусусияти морфологии фарҳанги муосир ва ҷиҳатҳои семантикӣ сохтории он, таъйиноти хусусияти фарҳанги тоҷик ба таври умум, ҳамчун фазои ягонаи мавҷудияти фарҳанги минтақавӣ мусоидат хоҳад кард.

Нисбати дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бояд қайд намуд, ки он дар ҳақиқат бо таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу

муқобилгузории илмӣ таъмин буда, масъалаи мазкур, ба нуктаҳои мушаххаси методологӣ, таҳлили гуногунҷанбаи масъалаи табиат, мақом ва манзалати фарҳанг дар ҳастӣ, ҷанбаҳои онтологӣ, метафизикӣ ва гносеологии философии фарҳанг, ташхиси фарҳанги миллӣ ва қисмҳои таркибии он асос ёфта, боиси дарёфти роҳу воситаҳои мукаммали баёни консептҳои мазкур дар фалсафаи фарҳанги тоҷик гардидааст.

Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ хуб ба назар мерасад, ки аз ҷониби ӯ бори нахуст консептҳои фарҳанги миллӣ, фарҳанги умумӣ, фарҳанги минтақавӣ ба таври махсус ва комплексии назариявӣ дар таҳқиқоти ҷудогона, системанок, дар муқоиса бо афкори мутафаккирони пешин ва ҳамзамони фарҳангшинос ва мутахассисони фалсафаи фарҳанг анҷом дода шудааст.

Таҳлили мукаммали мафҳумҳои ифодагари фарҳанги минтақаи Суғд аввалин бор пешниҳод шудааст, ки шаҳодати он тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия мебошад. Мавзуъ ва мундариҷаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба нашр расида, муқаррароти асосии кор дар шакли маъруза ва баромадҳо дар конференсияҳои байналхалқию минтақавӣ ва воҳӯрию форумҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорӣ истифода шудаанд. Инчунин нуктаҳои асосии он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 6 мақола рӯйи чоп омадаанд.

Сохтори автореферат ва тарзи таҳияи он ба талаботи муқаррар намудаи Комиссияи олии аттестасонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам русии автореферат хело хуб таҳрир шуда, қоидаҳои имловии забонҳо риоя гардидаанд.

Дар муқаддима дар бораи мубрамият ва дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқот, робитаи он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва маълумот бапуррагӣ оварда шудаанд.Се боб ва зербобҳои диссертатсия дар мундариҷа овардашуда ба мундариҷаи кори илмӣ мувотиқат карда, мазмуни бобҳо ва зербобҳо таҳқиқи масоили гузошташударо дар бар мегиранд.

Дар баробари гуфтаҳои боло, ба муаллиф тавсия медодем, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи мавзуи мазкур бештар ба таҳлилҳои муқоисавии илмии донишмандони ватаниву мамлакатҳои ҳамфарҳангу ҳамҷавор низ диққати бештарро равона созад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Салимов Эраҷ Мирҳасанович дар мавзуи «Анъанаҳои фарҳангии Тоҷикистон дар давраҳои мухталиф (дар асоси маводи фарҳангии минтақаи Суғд)» аз руйи ихтисоси 09.00.13 Антропологияи фалсафӣ, фалсафаи фарҳанг пешниҳод гардида, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023б №295) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси номбурда мебошад.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович

Имзои дотсент Б.С. Сулаймоновро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

22.08.2025